# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Сентябри 2017

**Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳи сентябр исоли ҷорӣ чун моҳи пешин раванди коҳишёбиро идома дода, -0,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,8 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад. Дар натиҷа сатҳи таварруми солона нисбат ба моҳи қаблӣ (7,7%) ба андозаи -1,0 б.ф.поён рафта, ба 6,7 фоиз баробар гардид. Нишондиҳандаи мазкур аз сатҳи интизоршавандаи таваррум пасттар буда, аз мӯътадилшавии унсурҳои талаботу таклифот ва бо суръати тезтар баргардидани таваррум ба сатҳи нишондиҳандаи мақсаднок шаҳодат медиҳад. Қайд кардан ба маврид аст, ки тайи ду моҳи охир таварруми моҳона бо сатҳи манфӣ ҷамъбаст шуда истодааст.**

Таъсири омилҳои кӯтоҳмуддати мавсимӣ, бахусус аз ҷониби хизматрасониҳои пулакӣ, коҳишёбӣ ва мӯътадилгардии нархҳои маҳсулоти хӯроквории (сабзавот) дар натиҷаи ҷамъоварии ҳосили фаровони тирамоҳӣ ва афзоиши пешниҳоди он, инчунин сиёсати зиддитаваррумии монетарӣ, вазъи боэътидоли бозори дохилии асъор ва қурби асъор боиси нисбатан коҳиш ёфтани интизориҳои таваррумӣ ва сатҳи таваррум гардид.

Пуёи афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ нишон медиҳад, ки саҳми маҳсулоти ғайрихурокворӣ ва хизматрасониҳо дар таварруми ҳосилшуда тамоюли муқаррарии худро чун даврахои пешин идома дод. Саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ, киаз ҳисоби таъсири назарраси омилҳои мавсимӣ ва таклифотӣ, яъне коҳишёбии истеҳсол ва пешниҳоди ками маҳсулоти алоҳидаи хӯрокворӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ вобастагӣ дошт, раванди коҳишёбӣ дошт.

**Тибқи маълумотҳо дар семоҳаи чоруми соли равон зиёдшавии нархи хизматрасониҳои манзилӣ-коммуналӣ, аз ҷумла қувваи барқ ва об ба нақша гирифта шуда, то андозае ба сатҳи таваррум таъсир мерасонад.**

**Новобаста аз ин аз рӯи таҳлилҳо ва дурнамо интизор меравад, ки сатҳи таваррум дар соли 2017 ва давраи миёнамуҳлат дар доираи нишондиҳандаи мақсаднок (7,0%) ҷамъбаст хоҳад ёфт.**

Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзии шаффоф ва пайгиронаро амалӣ намуда истодааст, ки он тавассути истифодаи фишангҳои монетарӣ ва асъорӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвил ба танзими ҳаҷму арзиши пул ва бартараф намудани таъсири фишорҳо ба сатҳи нархҳо ва ба ин васила ноил гардидан ба ҳадафи мақсадноки таваррум равона мегардад.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории он дар таваррум, бо %солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Намояи нархҳои хӯрокворӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**Сатҳи таварруми аслӣ,* ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, дар моҳи сентябри соли ҷорӣ бо нишондоди манфӣ (-0,1% м/м)[2] ҷамъбаст гардида, бо арзёбии солона ба 2,1% баробар шуд.** Ба ин раванд муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ (гӯшт ва маҳсулоти он, шир ва маҳсулоти ширӣ, равғани растанӣ ва ҳайвонот), ғайрихӯрокворӣ (маводи шустушӯй, васоити нақлиёт ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таварруми аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Дар пуёи тағйирёбии ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд) мушоҳида кардан мумкин аст, ки поёнравии нархи маҳсулоти хоми хӯрокворӣ дар моҳи сентябри соли ҷорӣ нисбат ба моҳи қаблӣ назаррас мебошад.** Аз ҷумла, нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби коҳишёбии моҳонаи нархи картошка (-6,5% м/м ё 1,7 маротиб с/с), пиёз (-15,9% м/м ё 2,1 маротиб с/с), сабзӣ (-11,4% м/м ё 1,4% с/с), карам (-7,2% м/м ё 24,9%с/с), бодиринг (-9,8% м/м ё 1,5 маротиб с/с) ва помидор (-7,4% м/м ё -30,3% с/с) ба амал омад. Дар баробари ин, нархҳои гуногуни гурӯҳи хӯрокворӣ, аз қабили мевагӣ, шакар ва ғайра дар моҳи сентябр раванди коҳишёбӣ доштанд.

**Нархи маводи сӯзишворӣ** дар моҳи сентябр раванди нисбатан болоравӣ дошт (3,8% м/м ё 15,4% с/с), ки аз коҳишёбии воридоти он бинобар омилҳои мавсимӣ арзёбӣ мегардад ва омили мазкур муваққатӣ ва кӯтоҳмуддат мебошад.

**Нархи хизматрасониҳои маъмурӣ** дар моҳи сентябр дар маҷмӯъ нисбат ба моҳи қаблӣ коҳиш ёфта, бо нишондоди манфӣ (-4,2% м/м ё 1,0 маротиб с/с) ҷамъбаст гардид. Раванди мазкур асосан аз таъсири омили ғайримонетарӣ, дар натиҷаи коҳишёбии назарраси арзиши хизматрасонии нақлиёт, пеш аз ҳама ҳавопаймо (-14,1% м/м ё 1,1 маротиб с/с) ба амал омад.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумu ғайриаслӣ, бо %,солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1]- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)

**Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсаднoки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.*

**- Таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумӣ аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумӣ аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | Сентябр, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | | | | | | | | | |
| | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **5,3** | **5,9** | **7,3** | **8,1** | **8,7** | **9,0** | **8,9** | **7,7** | **6,7** | **-0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **55,4** | **3,8** | **6,4** | **4,8** | **6,0** | **8,8** | **10,2** | **11,8** | **12,3** | **12,2** | **10,2** | **8,4** | **-1,1** |
| Нон ва махсулоти нонӣ | 19,2 | 9,1 | -2,5 | -5,2 | -4,1 | -2,5 | -1,0 | -1,4 | -1,4 | -1,9 | -1,9 | -1,1 | 0,8 |
| Биринҷ | 3,3 | 11,6 | -9,2 | -8,6 | -9,5 | -13,3 | -13,5 | -13,7 | -13,9 | -13,3 | -12,9 | -12,1 | 1,3 |
| Орд | 11,9 | 7,8 | -3,0 | -7,2 | -5,0 | -1,0 | 1,8 | 1,3 | 1,5 | 0,8 | 0,9 | 1,8 | 0,8 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,0 | -10,2 | 3,7 | 3,9 | 2,4 | 1,8 | 7,2 | 11,5 | 12,4 | 14,2 | 12,8 | 12,7 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 5,9 | -14,3 | 3,2 | 3,5 | 1,2 | 1,3 | 8,3 | 14,2 | 15,1 | 16,9 | 14,7 | 14,4 | -0,2 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 15,4 | 16,7 | 7,8 | 12,8 | 7,4 | 8,9 | 2,2 | 0,6 | 3,3 | 3,4 |
| Шир ва махсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 2,8 | 3,7 | 5,1 | 3,7 | 2,8 | 4,0 | 3,6 | 4,3 | 4,7 | 0,5 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | -1,7 | 3,4 | 5,0 | 0,7 | 0,1 | 4,7 | 3,7 | 4,8 | 6,4 | 1,6 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,3 | 12,7 | 11,3 | 6,1 | 5,8 | 6,0 | 6,2 | 5,8 | 5,0 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 0,5 |
| Меваҷот | 4,4 | 12,3 | 16,7 | 16,6 | 12,2 | 4,6 | 0,2 | -1,8 | -6,0 | -13,8 | -8,0 | -8,2 | 2,9 |
| Сабзавот | 7,1 | -12,4 | 16,5 | 18,6 | 30,1 | 58,2 | 57,2 | 73,8 | 79,5 | 77,5 | 58,6 | 43,6 | -8,9 |
| Шакар | 2,1 | 19,3 | 15,0 | 1,0 | 3,4 | 5,2 | 13,6 | 7,3 | 3,9 | 12,5 | 7,8 | 1,3 | -4,9 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 19,9 | 14,2 | 13,8 | 10,4 | 9,5 | 5,1 | 5,9 | 5,5 | 5,1 | 4,9 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **19,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **14,3** | **14,3** | **4,9** | **0,2** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **11,8** | **12,2** | **10,0** | **9,1** | **8,6** | **6,2** | **8,1** | **6,7** | **6,8** | **6,9** | **0,4** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **27,4** | **7,9** | **5,7** | **5,2** | **5,0** | **4,4** | **4,6** | **4,0** | **3,9** | **3,8** | **3,8** | **4,4** | **0,8** |
| Либос ва пойафзол | 9,3 | 9,2 | 14,5 | 14,8 | 14,0 | 12,8 | 11,8 | 9,8 | 9,4 | 9,5 | 9,1 | 9,8 | 0,7 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,4 | 2,2 | -0,9 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,5 | 0,3 | 0,9 | 0,4 | 2,2 | 2,3 | 0,1 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 1,1 | 2,6 | 2,6 | 3,5 | 3,5 | 2,4 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,7 | 24,7 | 14,1 | 12,9 | 7,4 | 3,9 | 3,8 | 4,4 | 4,1 | 4,1 | 3,5 | 3,5 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | -1,1 | 6,8 | 14,7 | 21,5 | 19,1 | 18,4 | 15,6 | 12,6 | 15,4 | 3,8 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,4 | 19,0 | 3,0 | 3,5 | 4,4 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,3 | 7,6 | 7,1 | 6,8 | 5,3 | 5,1 | 5,0 | 5,2 | 5,2 | 6,0 | 8,4 | 11,1 | 2,7 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,8** | **2,2** | **4,5** | **5,0** | **5,8** | **6,2** | **6,3** | **5,6** | **6,0** | **5,6** | **5,4** | **5,0** | **-0,4** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,1 | 3,2 | 9,8 | 6,7 | 9,6 | 12,4 | 13,3 | 12,3 | 11,9 | 11,4 | 10,7 | 12,3 | 2,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,1 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 5,1 | 6,6 | 9,8 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,8 | 0,0 | 28,6 | 16,3 | 16,3 | 16,3 | 16,5 | 16,5 | 16,5 | 16,8 | 16,8 | 16,8 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,0 | -6,3 | -6,6 | -9,4 | 0,9 | 13,5 | 17,5 | 12,3 | 10,8 | 9,0 | 6,5 | 13,3 | 9,1 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 1,7 | 1,4 | 0,2 | -0,3 | -0,5 | 1,1 | 0,9 | 1,2 | 0,2 | -4,2 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 2,6 | 11,3 | 15,0 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 5,3 | 1,5 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 3,6 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,7 | 12,3 | 5,2 | 5,8 | 5,8 | 6,0 | 6,0 | 3,3 | 2,2 | 2,2 | 2,2 | 2,9 | 0,9 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*